Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062
дар пойгоҳи Донишгоҳи Славянии Россия
ва Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе,
кӯчаи М. Турсунзода, 30,)

## ТАҚРИЗ

***ба автореферати диссертатсияи Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ***

Иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба унвони яке аз муҳимтарин бахшҳои ташкилдиҳандаи иқтидори иҷтимоию иқтисодии минтақа, баромад мекунад. Дар айни ҳол дар назарияи муосири иқтисодӣ ва таҷриба ягонагӣ дар фаҳмиши моҳият ва сохтори иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вуҷуд надорад ва гоҳо онҳоро бо ҳам шабеҳ медонанд ё баръакс аз якдигар фарқ мегузоранд, ки ин ҳама садди роҳи такмили системаи идоракунии раванди инноватсионӣ дар минтақа мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки саҳми МТОК дар рушди устувори иқтисодиёт, ташаккули системаи милли инноватсионӣ, рақобатпазир будани маҳсулотҳои истеҳсолмешуда, омодасозӣ ва пешниҳоди кадрҳои соҳибтахассус назаррас нестанд, зеро ваъзи нишондиҳандаҳои арзёбии иқтидори инноватсионии онҳо дар шароити имрӯза ба онҳо имкон намедиҳад. Аз ҷумла, коркардҳои илмӣ–таҳқиқотии МТОК дар истеҳсолот истифода намегарданд, раванди ҷорисозии инноватсия ба системаи таҳсилоти олии касбӣ такмилдиҳиро тақозо менамояд, сохтори иктидори инноватсионии муассисаи таълимӣ ба вазифаҳои рушди инноватсионӣ мувофиқат намекунад, тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмию техникӣ дар МТОК ғайриканоатбахш буда,

инфрасохтори инноватсионии онҳо инкишоф наёфтааст ва ба фаъолсозии фаъолияти инноватсионӣ нигаронида нашудаанд.

Маҳз ҳамин масъала муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии интихобкардаи диссертантро ташкил дод. Муаллиф ба ҳадафҳои таҳқиқоти илмӣ ноил шуда ва вазифаҳои онро иҷро намудааст.

Муҳаққиқ ҳангоми навиштан ва таҳияи рисолаи илмӣ аз усулҳои маъмули корҳои илми таҳқиқотӣ ба монанди усули абстрактӣ-мантиқӣ, динамикӣ, танқидӣ, таҳлили муқоисавӣ, индуксия, дедуксия, ҳамзамон усулҳои оморӣ ва иқтисодӣ-риёзии таҳлил ва шарҳи графикӣ дар диссертатсия истифода кардааст.

Дар раванди шиносои бо кори диссертатсионӣ маълум гардид, ки муаллиф хеле моҳирона аз адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ кор карда, мустақилона далелҳои омориро ба мақсади таҳқиқ ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

Муҳаққиқ иқтидори молиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро яке аз намудҳои иқтидорҳои калидӣ шуморида, барои рушди инноватсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ин икдидори ҳиссаи калон дорад. Ҳангоми таҳлили иқтидорӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар давраи солҳои 2019-2020 ҳаҷми молиявикунонӣ ба МТОК-и ҷумҳурӣ (аз рӯи ҳисоботи омории дастраснамуда аз 29 МТОК дар ҷумҳурӣ) дар умум 8819678,4 сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2015-ум 44032944 сомонӣ зиёд мебошад (дар соли 2015-ум ҳаҷми молиявикунонӣ ба МТОК ҳамагӣ 4416384 сомониро ташкил медод), ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ 7977467,4 сомонӣ, маблағҳои ғайрибуҷетӣ 200000 сомонӣ, маблағҳои худӣ 642211 сомонӣ молиягузорӣ шудаанд. Ҳаҷми умумии хароҷотҳо барои таҳқиқотҳо ва коркардҳои илмӣ дар МТОК-и ҷумҳурӣ (аз рӯи ҳисоботҳои омории аз 20 адад МТОК бадастомада) давоми ин солҳо 13929980 сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2015-ум 3029179 сомонӣ зиёдтар мебошад, аз ҷумла маблағҳои ғайрибуҷетӣ 200000 сомонӣ ва маблағҳои худӣ бошад 642211 сомонӣ. Дар диссертатсия муаллиф пешниҳод месозад, ки барои ба эътидол омадани вазъи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҷумҳуриро мебояд, ки ҳаҷми маблағгузориро ба андозаи 2% ё 2,5%

аз ҳаҷми умумиң ММД (дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳанда 0,1 % аз ҳаҷми умумии ММД ташкил дод) зиёд намояд (саҳ. 14).

Дар баробари муваффақиятҳо дастоварду пешниҳодоти дақиқи илмӣ, дар авторферати кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои оянддаи диссертант аз аҳамият холӣ нестанд:

1. Муҳиммияти мавзуи диссертатсия бо далелу рақамҳои воқеӣ ва стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда мешуд, бисёр бамаврид мебуд;
2. Дар хулосабарории боби дуюми диссертатсия бисёр бамаврид мебуд таҳлили ҷадвалҳо ва диаграммаҳое, ки дар боби дуюми рисола оварда шудаанд ба инобат гирифта мешуданд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи умумидонишгоҳии**
**назарияи иқтисодии ДМТ** **Комилов А.Қ**

**Имзои Комилов А.Қ.-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

25.02.2023

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Рудакӣ 17.
http: www. tnu.tj 55-444-07-70